# ТАҚРИЗ

**ба рисолаи номзадии Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд) аз рӯи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**

Таҳқиқи масъалаҳои иқтисодиёти ватанӣ ба хусус соҳаи сайёҳӣ барои Тоҷикистони соҳибистиқлол яке аз корҳои арзишманду манфиатовар маҳсуб мешавад. Зеро омӯзиши илмии соҳаи сайёҳӣ ва дар шакли рисола пешниҳод намудани роҳу усулҳои муосир дар рушди рӯзафзуни ин соҳа заминаи мусоид фароҳам меорад. Рисолаи номзадии Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)” маҳз бо назардошти ҳамин ҳадаф таълиф гардидааст.

Дар муқаддимаи рисола мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, арзиши назариявию амалӣ, методологӣ, навгониҳо ва зарурати татбиқи таҳқиқот муайян карда шудааст.

Дар боби якуми рисола бо истифода аз адабиёти ватаниву хориҷӣ муаллиф барои илман муайян намудани мафҳуми васеъи “сайёҳӣ” таҳқиқоти мукаммал анҷом дода, ҷанбаҳои фарогири сайёҳӣ дар замони муосир бозгӯ шудааст. Аз ин рӯ, унвони боби якумро “Асосҳои назариявӣ ва методологии амсиласозии рушди маҷмааи сайёҳӣ” номгузорӣ кардааст, ки бо назардошти ҳамин матлаб аст. Муҳтавои мафҳумҳои маҷмааи сайёҳӣ маҳсули таҳқиқ гардида, нақш ва мавқеи сайёҳӣ дар маҷмуи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вазифаҳои иқтисодии сайёҳӣ мураттаб ва муайян карда шудаанд.

Дар сарчашмаҳои ватанӣ ва хориҷӣ номгӯи зиёди амсилаҳо ва усулҳои иқтисодӣ – математикӣ барои ҳалли масъалаҳои рушд ва амалкарди усулҳои истироҳатӣ, солимгардонӣ, маҷмуҳои сайёҳӣ ҷой дода шудаанд. Мавриди истифода қарор додани амсила ё усули математикии мушаххас, омӯзиш ё тадқиқи иловагиро бо тақозои масъалаи пешомада талаб менамояд. Бар ивази

ин, дар чунин холатҳо истифода бурдан аз таҳлилу таснифи амсилаҳои асосии рушди маҷмааи сайёҳӣ, фаъолияти сайёҳӣ вобаста аз типҳо ва навъҳои фаъолияти сайёҳӣ, аҳаммияти методологии амсилаҳо, арзёбии амалии амсилаҳо ва дигар нишондиҳандаҳо, ки дар диссертатсия коркард шудааст, максаднок ва бамавқеъ мебошад.

Дар боби дуюми рисола - “Амсиласозии иқтисодӣ-математикии рушди маҷмааи сайёҳӣ” меъёрҳои иқтисодии оптималигардонии рушди сайёҳӣ, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар ин боб тавсифи математикии гузориши масъалаи рушди соҳаи сайёҳӣ ва коркарди амсилаҳо пешниҳод шудааст, ки меҳвари таҳқиқотро дар бар мегирад. Муаллиф ба ин натиҷа мерасад, ки ташаккули маблағҳои инвеститсионӣ, шартҳои дастрас шудан ба онҳо, вариантҳои тақсимоти он аз рӯйи вақт, аз рӯйи самтҳо ва объектҳо, аз ҷумла маблағҳои худӣ дар шакли як қисми фоидаи аз нав инвеститсияшаванда ба комплекси сайёҳӣ, бояд дар модели иқтисодиву математикии рушди сайёҳӣ равшан инъикос дода шаванд. Амсилаи динамикии рушди маҷмааи саёҳии муаллиф пешниҳод намуда ҷавобгӯи ин талабот буда муҳимтарин коркард дар соҳаи мазкур маҳсуб мешавад (86).

“Амсиласозии рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд” боби сеюми рисола аст, ки дар он тадбиқи амалии амсилаю барномаҳои коркард шуда дар маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд оварда шудааст. Нақшаи ташаккули сиёсати давлатии рушди сайёҳӣ бо истифода аз банақшагирии стратегӣ асоснок пешниҳод шудааст. Дар ин маврид муаллиф қайд мекунад, ки “Самтҳои бартари сиёсати давлатии танзими рушди сайёҳӣ пеш аз ҳама дар таъмини рушди сайёҳии суроғавӣ – иҷтимоӣ, таъмини ҳимояи ҳуқуқи сайёҳон ва муқобилат ба ҷиноятзада шудани соҳаи сайёҳӣ, таъмини эҳтиёткоронаи истифодаи захираҳои табиию фарҳангӣ ва ташкили омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи сайёҳӣ тибқи стандартҳои байналхалқӣ мебошад”(116).

Дар маҷмуъ, рисолаи номзадии Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)

кори ба анҷомрасида буда, ба меъёрҳои таълифи рисолаҳои номзадӣ ба пуррагӣ ҷавобгӯ мебошад ва барои пешниҳод ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии тахассусӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
директори Институти илмӣ-тадқиқотии
рушди илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқи
МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров" Қодиров А.Л.

Имзои д.и.и. профессор А.Л. Қодиров-ро тасдиқ менамоям

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси МДТ**
**"ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров"** Наврӯзов Э.М.

**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
телефон: (+992) 92 777 40 63,
e-mail: kadir55@mail.ru